# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Қаюмова Дилбар Ғафуровна дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик**

Нависандаи халқии Тоҷикистон Сорбон (Облоқул Ҳамроев) аз зумраи навиcандагони ҳунармандест, ки дар эҷоди ҳикоя ва повестҳо дар адабиёти муосири тоҷик нақши муассир дорад. Сорбон аз нахустин ҳикояҳо ва повестҳояш, ки дар матбуоти даврӣ, маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва ба шакли китоби алоҳида чоп шудаанд, ба дили хонандагон зуд роҳ ёфта, таълифоташ аз назари нақди адабӣ дур намонда, ҳамвора бурду бохташ баҳогузории воқеӣ шудааст.

Ҳикоя ва повест (қисса) яке аз жанрҳои серистеъмол дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикӣ мебошад, ки анвои гуногун дорад. Дар адабиёти муосири тоҷикӣ ҳикояву повестнависӣ аз эҷодиёти устодони ин фан С. Айнӣ, Ҷ. Икромӣ, Ҳ. Карим, С. Улуғзода, Р. Ҷалил ва дигарон шурӯъ шуда, то кунун ба ин жанрҳои серистеъмол нависандае нест, ки муроҷиат накарда бошад ва маҳз қалами нависандагӣ бо эҷоди ҳикоя оғоз мегардад. Таҳқиқи марҳила ба марҳилаи ҳикоя ва повест дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ аз масъалаҳоест, ки тадқиқоти ҷиддиро интизор аст, чунки дар ин самт ибтикорот ва тозагӯиҳо зиёд аст.

Рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна ба омӯзиши хусусиятҳои жанриву услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон бахшида шуда, аз баррасии фишурда ба хубӣ ба назар мерасад, ки муҳаққиқ мавзӯъро хуб медонад, фаъолияти хуби пажӯҳишӣ дорад, ба баҳси илмӣ дуруст ворид мешавад ва натиҷагириҳояш назаррас аст.

Рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Дар муқаддима унвонҷӯ ҳамаи талаботи навиштани фишурдаро бо як низоми муайян риоя кардааст, ки моҳияти мавзӯи тадқиқшаванда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқ, сарчашма, метод, навгониҳо, арзиши назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо як раддабандии дуруст нигошта шудаанд.

Боби якум «**Ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва осори ӯ аз назари анвои адабӣ**» ном дошта, аз се фасли пайдарпай фароҳам омадааст, ки дар ин боб унвонҷӯ рушди шахсияти нависанда, эҷодиёти Сорбон аз назари мунаққидон ва анвои адабии осори Сорбонро ба

пажӯҳиши илмӣ кашидааст. Дар ин боб шахсияти нависанда, маҳорат, ҷасорати адабӣ, вуқӯъгӯии ӯ ва робитаи қавӣ миёни жанрҳои гуногуни эҷодиёти нависанда ва вежагиҳои ҳикояҳои Сорбон аз мазмуну мавзӯъ ва мундариҷа баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми рисола «**Вижагиҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанрию сохтории осори Сорбон»** унвонгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муҳаққиқ масъалаҳои жанрию сохтории ҳикояву повестҳо, характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамон ва инъикоси рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихиро тадқиқ намудааст, ки дар ин ҷо андешаҳои ҷолиби зиёди илмӣ ба назар мерасанд.

Боби сеюм «**Ҷанбаҳои сабкӣ ва ҳунарии осори Сорбон**» ном дорад ва аз ду фасл фароҳам омадааст, ки аз боби меҳварии рисола ба ҳисоб меравад, чунки нишон дода тавонистани ҳунари воқеии нависанда ин ҳунари муҳаққиқ аст, ки дороиҳои забонӣ, вежагиҳои луғавӣ, қабатҳои лексикӣ, вожаҳои ноби тоҷикӣ, калимаҳои шевагии серистеъмол, истифодаи бамавриди зарбулмасалу мақол, қиёфасозӣ, манзаранигорӣ, истифодаи монологу диалог, рамзгарой ва ғайраро бо овардани мисолҳои зиёд аз осори Сорбон нишон дода, таҳқиқ кардааст.

Хулосаҳояшро муҳаққиқ аз пажӯҳиши мавзӯъ дар 12 банди мушаххас нишон додаст, ки дар маҷмӯъ бардоштҳои хеле ҷолиби илмиянд.

Тадқиқоти Қаюмова Д.Ғ. бартариҳои зиёд дорад ва тадқиқоти комилан анҷомёфтаи илмист. Дар баробари муҳассанот дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1.Боби якуми рисола бештар хусусияти оморӣ пайдо кардааст, ҳол он ки дар ин бахш ба масоили илмӣ ворид шудан лозим аст.

2.Дар боби дуюм ба ҷои таҳлили илмӣ ё мавзӯӣ бештар услуби нақл ба назар мерасад.

3. Дар саҳифаи 19-и фишурда муҳаққиқ таъкид менамояд, ки «Ташбеҳ, таҷнис, тамсил, муболиға, таҷнис, сифатчинӣ ва ғайра дар асарҳои нависанда бо камоли устодӣ ба кор рафтаанд», аммо ягон мисоле оварда нашудааст.

Новобаста аз камбудиҳои баёнгардида, ки ҳукми тавсиявӣ доранд, рисолаи Қаюмова Д.Ғ., кори анҷомёфтаи илмӣ буда, бо забони фасеҳи илмӣ иншо шудааст ва масъалаҳои баёнгардида ҳалли худро ба пуррагӣ ёфтаанд. Муаллиф дар таҳлили фаслҳои рисола ва ворид шудан ба баҳси илмӣ истиқлоли андеша дорад ва натиҷагириҳояш низ назаррасанд.

Рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна **«Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон»** ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси **10.01.01-Адабиёти тоҷик** мувофиқати пурра дорад ва муаллифи он сазовори унвони номзади илмҳои филологӣ мебошад.


**Номзади илми филология,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Одинаев Нурмахмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоева, 63/3.**

**E - mail: odinaievn@mail.ru**

**Сомонаи Донишгоҳ: www.tut.tj**

**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**

**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**


**10.09.2018.**

**Имзои мудири кафедраи**
**забони тоҷикӣ Одинаева Н.С.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **А.С. Бухориев**